ФАРМОИШИ
РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «20» 04 соли 2023 № 85-09 ш. Душанбе

«Оид ба тасдиқи ҳайат ва ҷадвали кори комиссияҳои аттестатсионии хатми соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»
(барои факултетҳои равияи табиатшиносӣ)

Дар заминаи талаботи банди 20-и «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/4)», фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раисони комиссияи аттестатсияи хатм дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 13.03.2023, №274 ва бо мақсади назорати баргузории комиссияи аттестатсионии хатми таҳсили 2022-2023

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Ҳайат ва ҷадвали кори комиссияи аттестатсионии хатм доир ба ихтисосҳо, санаи баргузории имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм барои соли таҳсили 2022-2023 ба тартиби зайл тасдиқ ва мавриди иҷро қарор дода шавад (Ҷадвал замима мегардад).

2.Садорати факултетҳо (декан ва ё мушовирони академӣ (эдвайзер), бидуни аъзогӣ ба КАХ ва бе ҳуқуқи баҳогузорӣ) кори комиссияи аттестатсионии хатмро вобаста ба талаботи «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ба роҳ монда, иҷрои саривақтии ҷадвали КАХ, таъмини омӯзгорону донишҷӯёнро ба кори КАХ ва баргузории имтиҳонҳо ва ҳимоя рисолаҳои хатмро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

3.Раёсати таълим, садорат ва мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ вазифадор карда шаванд, ки иҷрои ҷадвали баргузории аттестатсияи хатм ва дифои рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва корҳои хатмкуниро аз рӯи ихтисосҳои мувофиқ таъмин ва назорат намоянд.

4.Садорати факултетҳои механикаю математика, физика, химия, биология, геология, тиббӣ ва фарматсевтӣ вазифадор карда шаванд:

4.1.Дар гурӯҳҳои академӣ барои хатмкунандагони имсола мутобиқ ба сарбории таълимии тасдиқшудаи ҳайати омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳӣ лексияҳои умумӣ (обзорӣ) ташкил намуда, ҷараёни баргузории онҳоро назорат намоянд;

4.2.Маълумотномаи натиҷаи аттестатсияи хатмро (дар шакли варақаи имтиҳонӣ) ҳамарӯза то соати $16^{00}$ ба раёсати таълим пешниҳод намоянд;

4.3.Баъди ба итмом расидани кори комиссияи аттестатсионӣ (мутобиқи талаботи банди 30-и «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ») дар муддати то 10 рӯз ҳисоботи кори садорати факултет ва раисони комиссияи аттестатсионии хатми соли таҳсили 2022-2023-ро (дар 3 нусха, аз ҷумла, дар шакли электронӣ, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, бо замимаи реҷаи кории раис) барои шуъбаҳои рӯзона, шакли таҳсили фосилавӣ, магистратура ва шуъбаи ғоибонаи таҳсилоти дуюми олӣ (ҳар яке дар алоҳидагӣ) бо нусха аз қарори маҷлиси Шурои олимони факултет ба раёсати таълим пешниҳод намоянд;

4.4.Фаъолияти котибони комиссияҳои аттестатсиониро ҷиҳати самарабахш ба роҳ мондани ҳуҷҷатгузории кори комиссия ва муназзам гардонидани тартиби имтиҳонсупорӣ мунтазам назорат ва натиҷагирӣ намоянд;

4.5.Ҷиҳати бо истифода аз технологияи муосир, тариқи муаррифӣ (презентатсия), ба роҳ мондани ҳимояи корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ барои хатмкунандагон шароити мусоид фароҳам оваранд;

4.6.Вобаста ба иҷрои мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.04.2023, №05(33) 01-376 "Дар хусуси пеш аз муҳлат баргузор намудани имтиҳонҳои ҷорӣ ва аттестатсияи хатми донишҷӯён (хатмкунандагон) барои соли таҳсили 2022-2023" хатмкунандагоне, ки хоҳиши дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ хизмати ҳарбӣ карданро доранд, таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, имтиҳонҳои ҷорӣ ва аттсетатсияи хатмро пеш аз муҳлат баргузор намуда, раванди ҳуҷҷатгузории хатмкунандагонро тибқи муқаррароти «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» ба роҳ монанд;

4.7.Бо мақсади ба низом даровардан ва ба талаботи «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» мутобиқ сохтани ҳуҷҷатҳои хатмкунандагоне, ки хоҳиши дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ хизмати ҳарбӣ карданро доранд, дар садорати факултетҳо гурӯҳи корӣ таъсис дода, аз натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ ва раванди сафарбаркунӣ мунтазам ба раёсати Донишгоҳ гузориш манзур созанд.

5.Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сардори раёсати муҳосибот вазифадор карда шаванд, ки раёсати таълим, маркази тестӣ, технололгияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ, садорати факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳиро ҳангоми баргузории аттестатсияи хатм ва ҳимояи корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ бо ашёву лавозимоти зарурӣ таъмин намоянд.

6.Ба сардори раёсати муҳосибот супориш дода шавад, ки музди меҳнати раисон, аъзоён ва имтиҳонгирони комиссияро аз рӯи ҷадвали

тасдиқшуда (бо назардошти пешниҳод дар мувофиқа бо раёсати таълим ҷиҳати иҷроиши онҳо) сари вақт пардохт намояд.

7.Директори китобхонаи илмӣ, сардори маркази тестӣ, технололгияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ вазифадор карда шаванд, ки ҳангоми баргузории аттестатсияи хатм кори пурсамари китобхонаю филиалҳои он, инчунин фаъолияти синфхонаҳои компютерӣ, марказҳои интернетӣ ва китобхонаи электрониро таъмин намоянд.

8.Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус вазифадор карда шавад, ки парвандаҳои шахсии хатмкунандагонро вобаста ба талаботи лоиҳаи фармоишҳо оиди рухсат ба аттестатсияи хатм муоина намуда, барои азназаргузаронии комиссияҳои аттестатсионии хатм омода намояд.

9.Шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо вазифадор карда шавад, ки фармоиши мазкурро бо замимааш нусхабардорӣ намуда, то 22.04.2023 ба раисони комиссия, садорати факултетҳои механикаю математика, физика, химия, биология, геология, тиббӣ ва фарматсевтӣ ва сохторҳои дахлдори донишгоҳӣ ирсол намояд.

10.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Собирзода Н.М. вогузор карда шавад.

Асос: талаботи «Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раисони комиссияи аттестатсионии хатм дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 13.03.2023, №274 ва пешниҳоди садорати факултетҳо.

Ректор Хушвахтзода Қ.Х.